Ба Шурои диссертатсиони 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11)

# ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қаҳорзода Насимҷон Мазбут дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи он» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мутобиқ ба ихтисос ва самти илм мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Таҳқиқот бо назардошти тағйирот ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунҳо, натиҷаҳои амалишавии барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сурат гирифтааст. Мубрамияти таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки амалишавии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, ки бо мақсади амалӣ намудани принсипҳои конститутсионии адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷинояткорона, ҳамчунин, таъмини воқеии кафолати ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз он ҷумла аз ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқ ва таъқиботи беасос равона шудааст.

Бо вуҷуди тағйиротҳо куллӣ дар муқаррароти ҷорӣ оид ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, дар амалияи судӣ риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дучори мушкилотҳое гардидааст, ки ҳалли онҳо зарурати таҳқиқоти масъалаҳои назариявӣ ва амалияро ба миён овардааст. Талабот ба такмил додани танзими ҳуқуқии муносибатҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти судӣ бо

иштироки бевоситаи тарафҳо муосидат мекунад, ки мубрамияти мавзуи таҳқиқотро нишон медиҳад.

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муайян кардааст, ки дар амалияи судӣ бинобар ҷой доштани ихтилофи баъзе аз меъёрҳои мурофиавӣ, нуқсонҳо дар матн ва мазмуни қоидаҳои мурофиавӣ, инчунин якхела ва дақиқ риоя, иҷро ва татбиқ нашудан ё нодурусту ғалат амалӣ шудани қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории миллӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо ғайриимкон мегардад ё онҳо дучори маҳдудиятҳои беасос мешаванд, ки барои воқеан таъмин гаштани принсипҳои конститутсионии ба ҳама дастрас будани ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳои муҳокимаи судӣ монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекунад.

Бинобар ин, муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки масъалаҳои таъмини имкониятҳои иштироки тарафҳоро дар баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ, риоя шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, таносуби мурофиаи ошкоро, пӯшида ва ғоибонаи баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ, аҳаммияти муҳокимаи судии масъалаҳои мурофиавиро дар ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи ҳукм мавриди таҳлили ҳуқуқӣ ва таҳқиқоти фарогири илмӣ қарор диҳад. Натиҷаи таҳқиқоти илмии фарогири масъалаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ имконият додааст, ки баҳсҳои назариявӣ ҳалли дақиқ ва ниҳоии худро ёбанд, андешаву ақидаҳои самарабахш асоснок карда шаванд, ки ба воқеан амалӣ гаштани кафолатҳои конститутсионии адолати судӣ мусоидат мекунанд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ навгонии илмӣ дорад, чунки дар доираи он бори аввал дар илми назариявии мурофиаи судии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди тадқиқоти илмӣ қарор дода шудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Н.М.Қаҳорзода маротибаи аввал дар сатҳи назария моҳият, аҳаммият ва зарурати риоя, иҷро ва татбиқ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судии мурофиаи ҷиноятӣ; таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ; ногузирии рушд ёфтани шартҳои умумии пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ; такмил додани тартиби амалишавии онҳо дар амалияи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз назари муаллифӣ пешбарӣ мешавад; роҳҳои самараноки риояи шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ноил шудан ба

адолати судӣ бо хулоса ва пешниҳодҳои муаллифӣ ҷамъбаст ва асоснок мешавад.

Тадқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи амалишавии шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ ба такмил додани амалияи судии ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахс равона гардида, амри зарурӣ ва мутобиқ ба амалигардонии сиёсати давлатӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Қаҳорзода Н.М. аз номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, панҷ боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи диссертатсия иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию ҳуқуқии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур – «Табиат ва моҳияти муҳокимаи судӣ ҳамчун марҳилаи асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ», муаллиф барои муайян кардани моҳияти иҷтимоии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва дар маркази мурофиаи судии ҷиноятӣ мақом пайдо кардани он, дар доираи таҳқиқоти назариявии илмии сарчашмаҳои таърихӣ ва таҳлили моҳият (манбаъ)-и иҷтимоӣ ва табиати ҳуқуқии онро зарур донистааст. Қайд мешавад, ки қоидаҳои мурофиаи судӣ марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ва санҷишҳои иҷтимоиву сиёсиро паси сар намуда, аз ҷиҳати моҳият ва мазмун тобиши нав гирифтаанд, меъёр ва ҳудуди амалишавии онҳо тағйир ёфтааст, лекин онҳо аҳаммият ва мубрамияти худро дар роҳи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва таъмини адолати иҷтимоӣ собит кардаанд. Ин қоидаҳои мурофиавӣ арзиши маънавию иҷтимоии худро нигоҳ дошта, то ҳануз бо мазмуну моҳияти аслии худ арзи вуҷуд мекунанд ва ҳамчун осори ниёгони мо, на танҳо аҳаммияти таърихиву ҳуқуқӣ доранд, балки ҷузъи таркибии фарҳангиву маънавии миллии моро дар соҳаи адолати судӣ таҷассум мекунанд (саҳ. 41).

Ибрози андеша мешавад, ки дар низоми фаъолияти мурофиаи ҷиноятӣ муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ марҳилаи марказиро ишғол менамояд, ки дар раванди он натиҷаи тамоми амалҳои мурофиавии марҳилаҳои тосудӣ ҷамъбаст мешаванд. Дар ин марҳила бо

риояи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ тамоми масъалаҳое, ки бинобар содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ба миён омадаанд, аз ҷониби суд бо иштироки тарафҳо қонунӣ, холисона ва одилона ҳалли худро меёбанд.

Дар баробари ин, диссертант ҷиҳати мазмун ва моҳияти муҳокимаи судӣ пешбарӣ мекунад, ки «муҳокимаи судӣ» марҳилаи мустақил ва марказии он буда, маҷмуи амалҳои мурофиавии ҷиноятии судӣ, тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя, инчунин иштирокчиёни мурофиаи судиро дар бар мегирад, ки дар раванди он тибқи қоида ва шартҳои муқарраркардаи қонунгузории мурофивии ҷиноятӣ тамоми масъалаи асоснокии таъқиби ҷиноятӣ ва ҳимоя ҳамаҷониба, пурра ва холисона мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо қабули санади судӣ ҳалли асоснок ва одилонаи худро меёбанд (саҳ. 45). Диссертант идома доданиислоҳоти судӣ-ҳуқуқиро дар кишвар баҳри таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, таъмини мустақилияти суд, такмили сохтор ва фаъолияти он, дар рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муҳим донистааст.

Зербоби дуюми боби якум ба – «Асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии марҳилаи муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ», бахшида шудааст Муаллифи рисола қайд кардааст, ки дар қонунгузории муосири мурофиавии ҷиноятии миллӣ қоидаҳои пешқадами пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ пешбинӣ гаштаанд, ки манбаи онҳоро меъёрҳои конститутсионӣ ташкил медиҳанд. Тибқи онҳо ба амалбарории адолати судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои муҳимми танзими муносибатҳои байни давлат ва шаҳрванд, таъиноти давлат, уҳдадории давлат вобаста ба таъмини амалишавӣ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд эътироф гардид, ки пайваста рушд меёбад (саҳ. 51). Бо мазмуни баланди илмӣ мутобиқан ба асосҳои конститутсионии адолати судӣ муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз асосҳои конститутсионии арзиши олии инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ бармеоянд, ки онҳо таҳкурсии меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд. Дар амал ҷорӣ гаштани онҳоро меъёрҳои мурофиавӣ, аз ҷумла шартҳои умумии муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар мазмуну талаботи мурофиавӣ таҷассум мекунанд. Дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ барои бевосита амалӣ гаштани асосҳои конститутсионии адолати судӣ шароит барпо кардааст. Тавассути асосҳои конститутсионии адлияи ҷиноятӣ муқаррар шудани шартҳои муҳокимаи бевосита ва шифоҳии муҳокимаи судӣ, қонунгузор ба суд имконияти амалӣ кардани салоҳияти расмии таъмини адолати

иҷтимоиро додааст, ки суд аз номи давлат тамоми ҳолатҳои ба парвандаи ҷиноятӣ аҳаммиятдоштаро бевосита, ҳамаҷониба, пурра ва холисона, дар шароити ошкоро, шифоҳӣ, бо тарзи мубоҳиса ва дар асоси баробарии тарафҳо баррасӣ намуда, қарори қонунӣ, асоснок ва одилона қабул менамоянд (саҳ. 63).

Зербоби сеюми боби якум – «Нақши марҳилаи муҳокимаи судӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ» ном гирифта, муаллиф зимни таҳқиқот бо маҳорати баланди илмӣ бештар услубҳои таҳлили ҳуқуқии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, хронология ва абстраксияро истифода бурда, “зинаҳои судӣ”,“маҷлиси судӣ”,“марҳилаҳои судиро” бо муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ муқоиса намуда, ҷиҳатҳои назариявӣ ва амалии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятиро дар таркиби фаъолияти мурофиаи судии ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ мавриди омӯзишу баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқи илмӣ қарор додааст (саҳ.65). Бо таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ муайян шудааст, ки «маҷлиси суд оид ба парвандаи ҷиноятӣ» дар марҳилаҳои тосудӣ ва ё баъди моҳиятан муҳокима шудани парвандаи ҷиноятӣ низ баргузор мешавад, ба монанди маҷлиси суд оид ба баррасии дархост дар бораи татбиқи чораҳои маҷбурии хусусияти мурофиавидошта (м.м. 111, 116 КМҶ ҶТ), маҷлиси суд оид ба баррасии мавод дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (м. 351 КМҶ ҶТ), маҷлиси судӣ оид ба баррасии дархости гузаронидани амалҳои тафтишӣ (м. 352 КМҶ ҶТ), маҷлиси судӣ оид ба баррасии шикоят аз болои санад, амал ва беамалии мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ (м. 124 КМҶ ҶТ), маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ (м. 368 КМҶ ҶТ), маҷлиси судӣ оид ба масъалаҳои марбут ба иҷрои ҳукм (м. 401 КМҶ ҶТ), маҷлиси суди марҳилаи назоратӣ (м. 410 КМҶ ҶТ), маҷлиси суд оид ба аз нав оғоз кардани мурофиа, бинобар ошкор шудани ҳолатҳои нав (м.421 КМҶ ҶТ). Аз ҷониби диссертант хулоса карда мешавад, ки ҷиҳати таҳкими ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бояд дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ ҳам бо салоҳдиди суд мавриди амал қарор дода шавад (саҳ. 70)

Боби дуюми диссертатсия – «Ташаккулёбӣ, моҳият, аҳаммият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» ном гирифта, аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби якуми боби мазкур – «Заминаҳои иҷтимоии пайдоиш ва марҳилаҳои рушди қоидаҳои мурофиавӣ ва шартҳои умумии муҳокимаи судӣ», бо таҳқиқи сарчашма ва ёдгориҳои таърихиву ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки баробари арзу

вуҷуди ҷомеаи авлодӣ (ибтидоӣ) ва қабилаҳо бо мақсади дастаҷамъӣ қонеъ кардани талабот, ҳимоя аз хавфи ҳодисаҳои табиӣ, аз ҳуҷуми рақибон, бартараф кардани бесарусомонӣ ва худсарӣ урфу одат, расму оин, ё қоидаҳои оддитарини танзимкунандаи муносибати байни одамон пайдо шудаанд. Онҳо ба шакли муайян гирифтан (ҳадду ҳудуд, сарҳад), ба пайдоиш ва ташаккули меъёрҳои оддитарин рафтор, ба ҷорӣ ва амалӣ шудани қоидаҳои ҳатмӣ мусоидат кардаанд. Бо урфу одат, расму оин ва суннату анъанаҳои ҷомеаи ибтидоӣ унсурҳои «ҳамзистӣ, дастаҷамъӣ, баробарӣ, рафтори умумӣ, ҳимоя» дар низоми муносибатҳо паҳн ва ҷорӣ шудаанд, ки тариқи таҷрибаи зисту зиндагӣ, тавсия, рӯзгордорӣ, панду насиҳат, маслиҳат ва машварати куҳансолони авлоду қабила аз як авлод ба авлоди дигар, аз як насл ба наслҳои дигар гузашта, то ба шакли қоидаҳои меъёрии ҳатмӣ ва танзимгари муносибатҳо ташаккул ёфтаанд. Даврабандии аз ҷониби муаллиф пешниҳодшуда ба таҳқиқоти илмӣ оид ба асосҳои таърихӣ, ҳуқуқии рушди қоидаҳои баргузории мурофиаи судӣ аҳаммиятдошта, мусоидат карда, сохтори таркибии мавзуи таҳқиқот ва самти онро муфассал ва муттаҳид менамояд (саҳ.85-86).

Зербоби дуюми боби дуюм – «Мафҳум, моҳият ва нишонаҳои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» номгузорӣ гардидааст. Таҳлили меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ имконият додааст, ки диссертант андешаҳои худро оид ба мазмун ва моҳияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ, ки аз мазмуни меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, асоснок намояд. Аз назари муаллиф тартиби иҷрои амалҳои мурофиавии ҷиноятӣ ва ҳалли одилонаи масъалаҳои мурофиавӣ дар доираи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ муқаррар шудаанд. Бинобар ин, таъмини иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ риоя, иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ яке аз ҳадафҳои муқаррар шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мебошад.

Мазмуни шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз доираи фаҳмиши «маҷмуи қоидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ» фаротар меравад. Онҳо уҳдадории мустақими давлат ва кафолати расмии таъмини адолати судиро дар бар мегиранд. Дар ин замина, татбиқи принсипҳои мубоҳиса ва баробарии тарафҳо дар ягонагӣ амалӣ гардида, ҷараёни маҷлиси судӣ бояд бо риояи беғаразӣ ва ҳаққоният таъмин карда шавад. Ин шароит имкон медиҳад, ки тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда имкониятҳои баробар барои таҳқиқи ҳамаҷониба ва пурраи ҳолатҳои парвандаро истифода баранд (саҳ.92).

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф хулоса мекунад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ унсури муҳимми танзими мурофиаи ҷиноятӣ буда, татбиқи онҳо дар шароити мушаххаси мурофиавӣ ва тибқи расмиёти қонунӣ имконпазир мегардад. Вазифаи онҳо фароҳам овардани замина барои ҳаллу фасли одилона, асоснок ва қонунии масъалаҳои мавриди баррасии суд мебошад (саҳ.98). Таърифи пешниҳодкардаи муаллиф оид ба он ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷамъи қоидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ иборат аст, ки аз принсипҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ сарчашма гирифта, уҳдадории давлат ва кафолати расмиро ифода мекунад, ки онҳо дар ягонагӣ мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳаққонӣ ва беғаразона ҷараён гирифтани маҷлиси судиро таъмин менамоянд, то ки барои беғаразона, одилона, ҳамаҷониба ва пурра тафтиш намудани ҳолатҳои парванда ба тарафҳои ҳимоя ва айбдоркунанда дар муҳокимаи судӣ шароит фароҳам оварда шавад, аҳаммияти муҳими назариявӣ дорад ( саҳ.112).

Дар зербоби сеюми боби дуюм – «Аҳаммияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ноил шудан ба мақсади мурофиаи ҷиноятӣ», муаллиф бо таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ масъаларо баррасӣ намудааст. Аз ҷумла, асоснок мешавад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, ки дар қонунгузории миллӣ пешбинӣ мешаванд, аз принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ сарчашма гирифта, дар амал татбиқ гаштани на танҳо қонуни ҷиноятӣ, балки татбиқ гаштани санадҳои дигари меъёрӣ ҳуқуқӣ, меъёрҳои ҳуқуқии санадҳои байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст,таъмин менамоянд. Дар ин раванд муаллиф ба такмил додани меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ бо назардошти санадҳои байналхалқӣ, инчунин бартарият доштани қонунгузории миллиро назар ба меъёрҳои байналхалқӣ ҷонибдорӣ кардааст (саҳ.118).

Бо таҳлил ва омӯзиши мазмуни меъёрҳои мурофиавӣ муайян шудааст, ки вазифаи мурофиаи ҷиноятӣ ҳалли одилонаи на танҳо масъалаҳои баррасишаванда дар суд, балки тамоми масъалаҳои мурофиаи ҷиноятиро дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ фарогир бошад. Чунки муайян кардани ҳолати ҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, эълони айб, интихоб ва татбиқи чораҳои пешгирӣ ва масъалаҳои дигари мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ низ ба миён меоянд, ки мавзуи муҳокимаи маҷлиси судиро ташкил дода, ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи онҳо ногузир ва ҳатмӣ аст (саҳ.125).

Боби сеюми рисола - «Низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ дар қонунгузории мурофиаи ҷиноятии Тоҷикистон ва таснифи онҳо» - аз

чаҳор зербоб иборат аст. Зербоби якуми боби сеюм ба «Низом ва таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида шудааст. Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф таснифоти шартҳои умумии муҳокимаи судиро пешбарӣ мекунад, ки дар он ба сохтори такибии “низоми шартҳои умумӣ» аз рӯйи хусусият, аҳаммият, мазмун, пайдарҳамӣ, пайвастагӣ, нишона, сифатҳои таъсиррасонӣ ба муносибати ҳуқуқӣ баҳои илмӣ ва ҳуқуқӣ дода мешавад (саҳ.133). Тавассути таснифоти ҳуқуқии низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ мазмун ва ягонагии ҳар як шарт муайян карда шуда, ҳалли асосноки масъалаҳои назариявӣ ва муайян кардани роҳҳои бартараф кардани мушкилоти дар амалияи судӣ ҷойдошта пешбарӣ мешавад (саҳ.144).

Дар зербоби дуюми боби сеюм масъалаи «Бевосита ва шифоҳӣ баргузор шудани муҳокимаи судӣ» ҳамчун шарти умумии муҳокимаи судӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Бо таҳлили ҳуқуқӣ муайян мешавад, ки мазмуни ин шарти умумии муҳокимаи судӣ нисбатан васеъ буда, тибқи танҳо бо тафтиши далелҳо маҳдуд намешавад, чунки он амалишавии якчанд қоидаҳои мурофиавиро дар назар дорад. Асоснок мешавад, ки амалҳои судӣ аз ҷониби суд, судя бевосита иҷро мешаванд, бевосита баррасӣ шудани арзу дархости тарафҳо, таъмини тартиботи маҷлиси суд; суд далелҳои пешниҳодшударо бевосита санҷида, бевосита баҳои ҳуқуқӣ медиҳад, беосита пурсиш, рӯбарӯкунӣ ва амалҳои дигари тафтишӣ мегузаронад; суд, судя иштироки бевоситаи тарафҳоро дар муҳокимаи судӣ таъмин намуда, барои ҳимоя, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳо шароит ва имконият фароҳам меорад; суд, судя дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда бевосита ҳамаҷониба, пурра ва холисона исбот карда шудани тамоми ҳолатҳои ба парванда аҳаммиятдоштаро муайян мекунад; дар асоси далелҳои пешниҳод ва таҳқиқшуда суд, судя бевосита масъалаҳои мурофиавиро ҳал мекунад, монанди қатъ кардан ва боздоштани пешбурди судӣ, мавқуф гузоштан ва боздоштани баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ; суд, судя санадҳои мурофиавии судиро, ки хулосаи судро оид ба мавзуи муҳокимаи судӣ тасдиқ мекунанд, бевосита қабул мекунад (саҳ.169).

Дар зербоби сеюми боби сеюм «Муҳокимаи ошкоро ва пӯшидаи парвандаи ҷиноятӣ» мавриди таҳқиқот қарор дода шудааст. Асоснок шудааст, ки баррасии ошкорои парвандаи ҷиноятӣ на танҳо дар марҳилаи тосудӣ, балки дар ҳама марҳилаҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ амал мекунад ва наметавонад аз низоми қоидаҳои танзими меъёрӣ ихтисор ё инкор карда шавад. Дар қонунгузории миллӣ ягон меъёре вуҷуд надорад, ки пешбурди тосудиро бо қоидаҳо ё талаботи махфӣ, пинҳонӣ ё ғайриошкоро муқаррар намояд. Муҳокимаи ошкорои

парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳимми мурофиавӣ ва расмӣ дошта, амалишавии меъёрҳои конститутсионӣ, иштироки намояндагони доираи васеи иҷтимоиро дар ҷараёни амалисозии адолати судӣ таъмин мекунад, муҳокимаи ошкорои парвандаи ҷиноятиро ҳамчун минбари демократӣ таҷассум менамояд ва барои амалӣ гардидани адолати судӣ дар асосҳои мубоҳиса, ошкорбаёнӣ ва баробарҳуқуқии тарафҳо шароит ба вуҷуд меорад, аз ҷумла шакли амалисозии назорати аҳли ҷомеаро аз болои фаъолияти ҳокимияти судӣ нишон медиҳад (саҳ.186). Тавсия мешавад, ки суд салоҳиятдор бошад, ки дар дархости тарафҳоро ҷиҳати дастаҷамъона баррасӣ ёфтани парвандаи ҷиноятӣ (новобаста аз дараҷаи хавфнокии кирдори содиршуда); дархости иштирокчиён (айбдоршаванда, судшаванда ва ҷабрдида ё намояндаи қонунии ӯ ва хешовандони наздики онҳо) оид ба баргузор шудани маҷлиси суд ба тариқи пӯшида (ба хотири эҳтироми шаъну шараф ва бартараф шудани таҳдиду хатар) қонеъ намояд (саҳ.188).

Зербоби чоруми боби сеюм ба «Тағйирнопазирии ҳайъати суд ва нақши раисикунандаи маҷлиси суд» бахшида шудааст. Диссертант муайян кардааст, ки бо мақсади ҳамаҷониба, пурра ва холисона ҳал кардани масъалаҳои ҳуқуқӣ, ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, қонун ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки дар мавриди ҷой доштан ё ошкор шудани онҳо иштироки шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ (судя, прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда, сардори воҳиди таҳқиқ ва сардори воҳиди тафтиш), инчунин иштирокчиёни дигаре, ки ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҷалб мешаванд (тарҷумон, мутахассис, коршинос, ҳимоятгар, шахсони холис, котиби маҷлиси суд, намояндаи ҷабрдида, даъвогари граждании ё ҷавобгари граждании), дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ истисно (манъ) карда мешавад. Ин қоида барои холисона ва одилона ҳал шудани масъалаҳои мурофиавӣ, бартараф ва пешгирӣ кардани ҳама гуна дахолат, манфиатдорӣ, ҷонибдорӣ ё ҳолатҳои дигари таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба тафтиш ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ ҷорӣ шудааст. Бинобар ин, муаллиф оид ба ҳолатҳое, ки иштироки судяро дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ истисно мекунанд, пешбарӣ кардааст, ки судяе, ки ба гузаронидани чораҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, амалҳои тафтишӣ иҷозат додаст ё маълумоти хаттии мақомоти таъқиби ҷиноятиро дар хусуси бе иҷозати суд гузаронидани амали тафтишӣ баррасӣ кардааст, қарори татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ё дароз кардани мӯҳлати онҳоро қабул намудааст, масъалаҳои мурофиавиро дар марҳилаи таъин кардан ва омодагӣ ба маҷлиси мавриди баррасӣ қарор додааст, такроран дар

баррасии судии ҳамин парвандаи ҷиноятӣ иштирок накунад. Судяе, ки қарори ба ҳабс гирифтан ё таҳти ҳабси хонагӣ қарор додани гумонбаршуда ё айбдоршавандаро қабул намудааст, мухлати дар ҳабс ё ҳабси хонагӣ нигоҳ доштани онҳоро дароз кардааст ё шикояти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятиро аз амал (беамалӣ) ва қарори мақомоти таҳқиқ, таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор то баргузории маҷлиси судӣ баррасӣ кардааст, салоҳияти дар баррасии ҳамон парванда дар судҳои марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва назоратӣ набояд иштирок намояд (саҳ.193).

Боби чорум ба «Масоили мубрами амалӣ шудани шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида шуда, дар зербоби аввал «Мавқеи тарафи айбдоркунанда ва ҳимоя дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳқиқот асоснок мешавад, ки шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, аз ҷумла мубоҳиса ва баробарии тарафҳо бояд на танҳо дар марҳилаи аввал оид ба моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, балки дар маҷлиси суди марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ, аз нав оғоз шудани мурофиа, бинобар ошкор гаштани ҳолатҳои нав), риоя ва иҷро гардад. Фаҳмиши ҳадди имконпазири баробарии мурофиавии тарафҳо ҳангоми пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ бо принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ бояд алоқаманд ва мутобиқ дониста шаванд. Муаллиф баъзе аз маҳдудиятҳои мавҷударо мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода, мутобиқати онҳоро бо меъёрҳои конститутсионии адолати судӣ таҳлил кардааст (саҳ.203). Пешниҳод шудааст, ки доираи масъалаҳое, ки дар баррасии судии онҳо тарафҳо ҳуқуқи иштирок карданро доранд, набояд танҳо бо масъалаҳои дар хонаи машваратӣ баррасишаванда маҳдуд шавад; баробарии тарафҳо дар баррасии парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи эътироз ё шикоят (м.410 КМҶ ҶТ) бояд таъмин карда шаванд (саҳ.209).

Дар зербоби дуюми боби чорум масъалаи «Хусусияти иштироки судшаванда ва ҷабрдида дар муҳокимаи судӣ» мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор дода шудааст. Барои дақиқ кардани мақоми мурофиавии судшаванда, дар қиёс муаллиф ба ҳолати ҳуқуқии айбдоршаванда эътибор додааст, ки шартҳои зерин барои айбдоршаванда эътироф шудани шахс муҳиманд: парвандаи ҷиноятӣ бинобар ҷой доштани аломати ҷиноят оғоз гардидааст; амалҳои тафтишӣ гузаронида шуда, далелҳои кофӣ ҷамъоварӣ шудаанд; далелҳои кофӣ айби шахсро дар содир кардани ҷиноят тасдиқ мекунанд; аз ҷониби мақомоти пешбурди парвандаи ҷиноятӣ қарори дахлдор қабул ва эълон шудааст. Азбаски, бинобар дар қонун пешбини нашудани тартиби судшаванда эътироф

шудани шахс ихтилофи назар ё нофаҳмиро ба миён овардааст, муаллиф назари худро шартҳои судшаванда эътироф шудани шахсро пешбарӣ кардааст:1) тафтиши парвандаи ҷиноятӣ бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ хотима ёфта, парвандаи ҷиноятӣ бо суд аз рӯйи қоидаҳои тобеияти судӣ ирсол шуда бошад; 2) судя парвандаи ҷиноятиро бо фикри айбдоркунӣ ба пешбурди худ қабул ва ба ҳалли масъалаҳои дар м.262 КМҶ ҶТ пешбинишуда шуруъ карда бошад; 3) судя дар бораи таъин кардани маҷлиси суд қарор қабул карда бошад (саҳ.214). Маҳдудияти ҳуқуқу манфиатҳои судшаванда ва ҷабрдидаро муаллиф аз таҳлили меъёрҳои мурофиавӣ муайян карда, оид ба ҳалли масъала хулосаҳои худро пешбарӣ ва асоснок кардааст (саҳ.217,225). Тавсия мешавад, ки дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ масъалаи ба ҷавобгарии муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида шудани шахсони мансабдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, инчунин кормандони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки дар фаъолияти мубориза ба муқобили ҷиноят ва ҷиноякорӣ иштирок карда, ба иштирокчиёни мурофиаи судӣ ёрӣ нарасонида, боиси расонидани зарари ҷиддӣ ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунӣ ва саломатии онҳо гаштаанд, якҷоя бо парвандаи ҷиноятӣ ҳал карда шавад; Ба аъзои оила, хешовандони наздики айбдоршаванда ва судшаванда ки ба тафтишот ва суд дар давоми тамоми давраи тафтиши пешакӣ ва муҳокимаи судии парванда, ёрии амалӣ расонидаанд, дар сурати зарурат, инчунин баъд аз итмоми мурофиаи судӣ, дар ҳолати мавҷуд будани таҳдид ё хатар ё дар дигар вазъияти душвори ҳаётӣ қарор доштан, андешидани чораҳои ҳимояи давлатӣ идома ё ёрии иҷтимоӣ кафолат дода шавад (саҳ.230).

Дар зербоби сеюми боби чорум масъалаи «Мустақилияти суд ва ҳадди муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ» таҳлил шудааст. Таҳлили назария ва амалияи судӣ ба муаллиф имконият додааст, ки яке аз кафолатҳои мустақилияти судя нораво будани дахолат кардан ба фаъолияти судяро ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мавриди муҳокима қарор дода, оид ба муайян кардани ҳадди муҳокимаи судӣ ва мустақилияти мурофиавии суд дар ҳалли масъалаҳои марбут ба парвандаи ҷиноятӣ ва қабули санадҳои судӣ хулосаҳои худро асоснок намояд (саҳ.233). Аз ҷумла қайд шудааст, ки мустақилона ва ё мантиқан хулосаи мустақилонаи суд, судя вобаста ба далелҳо исбот карда шудани ҳолатҳои содир шудани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва мутобиқан бо татбиқ кардани меъёри дахлдори ҳуқуқ ҷамъбаст мешавад. Натиҷаи пешбурди судии парвандаи ҷиноятӣ бо хулосаи судя алоқаманд буда, мустақилияти судро дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ талаб мекунад. Аз

назари муаллиф мустақилияти судро қоидаҳои дигари мурофиавӣ тавқият мебахшанд, ки мутобиқи онҳо барои суд ҳам ягон далели ҷамъовардашуда пешакӣ қувваи муайянкунандаро доро нест, яъне ягон далел нисбати дигар далелҳо пешакӣ мавқеи афзалиятноки тасдиққунанда ё бартариятдоштаро гирифта наметавонад (саҳ.236).

Дар зербоби чоруми боби чорум «Амал ва санадҳои судӣ зимни муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлил қарор дода шуда, асоснок мешавад, ки доираи ҳадди мустақилияти мурофиавии суд «иҷозати суд» яке аз шаклҳои назорати давлатӣ дар ҷараёни тафтиши то судии пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ифодакунандаи салоҳияти расмӣ ва истисноии ӯ ба шумор меравад. Иҷозати суд яке аз кафолатҳои ҳуқуқии мурофиавии риояи ҳадди маҳдуд гаштани дахлнопазирии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар ҷараёни мурофиаи ҷиноятӣ мебошанд. Дар натиҷаи таҳлил муайян шудааст, ки талаботи қонунӣ эътироф шудани ҳукм танҳо «бо риоя шудани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси қонуни ҷиноятии ҶТ баровarда шудани ҳукм» мазмуни ин талаботро пурра ифода намекунад. Пешниҳод шудааст, ки талабот нисбати қонунӣ эътироф шудани ҳукм бояд мазмуни васеъ, бо амалишавии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста карда шавад. Судя ҳангоми ҳалли масъалаҳое, ки дар м.35 КМҶ ҶТ пешбинӣ шуда,боиси маҳдуд карда шудани ҳуқуқу озодиҳои шахс (иҷозат дода ба татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ ва амалҳои тафтишӣ) мегардад, бояд аз нуқтаи назари принсипи конститутсионии адолати судӣ тарафҳоро дар бораи баргузории маҷлиси суд хабардор намуда, риоя ва иҷрои ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро таъмин намояд ( саҳ.275).

Боби панҷум ба «Муаммои назария ва амалияи риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ» бахшида шуда, се зербобро фаро гирифтааст. Дар зербоби якуми боби панҷум масъалаҳои «Боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди судии парвандаҳои ҷиноятӣ» таҳлил шудааст. Таҳлил ва омӯзиши қоидаҳои мурофиавӣ нишон додааст, ки боздоштан ва мавқуф гузоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ аз иҷрои якчанд амалҳои мурофиавӣ иборат аст, ки ҳангоми муайян шудани ҳолатҳои пешбиникардаи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, пешбурди онҳо ба миён меояд. Муаллиф ба хулоса меояд, ки боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ маънои ғайриимкон гаштани иҷрои амалҳои мурофиавиро надорад, балки пешбурди минбаъдаи амалҳои мурофиавӣ бо мақсади таъмини иштироки тарафҳо дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, баробарҳуқуқии онҳо ва мубоҳиса, таъмини кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои онҳо,

исботи ҳолатҳои парвандаи ҷиноятӣ, танҳо баъди бартараф шудани монеаҳои мавҷуда муяссар мешавад. Муаллиф асос ва тартиби боздоштани парвандаҳои ҷиноятиро дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ мавриди муқоиса қарор додааст. Дар натиҷаи таҳлил муайян шудааст, ки фарқияти онҳо чунин хусусиятҳо доранд: а) пайдарҳамии амалҳои мурофиавӣ оид ба боздоштани пешбурди парванда; б) асос ва тартиби мурофиавии боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ; в) бинобар тобеияти тафтишотӣ ва судии парвандаҳои ҷиноятӣ; г) иҷрои амалҳои бартарафкунандаи монеаҳои ҷойдошта, ки боиси боздоштани пешбурди парванда гаштаанд (саҳ.284). Пешниҳод шудааст, ки зарари ба ҷабрдида аз ҷиноятҳои махсусан вазнин расонидашуда дар сурати боздоштани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ё қатъ карда шудани парвандаи ҷиноятӣ, бинобар гузаштани муҳлати дар м.75 КҶ ҶТ пешбинишуда, бояд аз ҳисоби воситаҳои фонди давлатии расонидани кӯмак ба онҳо, дар асоси санади судӣ пурра ҷуброн карда шавад (саҳ.304).

Дар зербоби дуюми боби панҷум «Асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаҳои ҷиноятӣ» мавриди таҳлили ҳуқуқӣ қарор дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлили ҳуқуқӣ муайян шудааст, ки шарти умумии ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба марҳилаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, бо асос ва тартиби мурофиавӣ аз ҳамдигар чунин фарқият доранд: 1) ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то баргузории маҷлиси суд ва моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, яъне дар марҳилаҳои ҳатмии мурофиаи ҷиноятӣ муқаррар шудааст; 2) ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ дар марҳилаҳои истисноии (ҳатмӣ нестанд) мурофиаи ҷиноятӣ, ҳамчун салоҳияти истисноии суд пешбинӣ мешавад; 3) баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ, то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, ҳатман бекор карда шудани санадҳои қабулшудаи мурофиавӣ пешбинӣ намешавад; 4) дар сурати ба тафтиши нав баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ, дар суди марҳилаи кассатсинӣ ва назоратӣ ҳатман бекор карда шудани санадҳои қаблан аз ҷониби суди марҳилаҳои поёнӣ қабулшудаи мурофиавӣ (ҳукм, қарор, таъинот) пешбинӣ мешавад; 5) асосҳои ба тафтиши иловагӣ баргардонидани парвандаи ҷиноятӣ то моҳиятан баррасӣ шудани парвандаи ҷиноятӣ, ҳолатҳои аз ҷониби судя ошкор шудани ҷиддан риоя накардани талаботи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, то баргузории маҷлиси суд, пешбинӣ мешаванд (саҳ.308).

Асоснок шудааст, ки вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятиро «ҷиддӣ» ифода кардан; дар доираи маҳдуд бо вайронкунии

меъёрҳои алоҳида, аз ҷумла бо яктарафагӣ ва нопуррагии таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, бо маҳрум ё маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, бо таъмин нашудани кафолатҳои мурофиавӣ, бо баргузор нашудани амалҳои тафтишӣ, бо мавзуи исбот, бо риоя накардани принсипҳо ва расмиёти пешбурди судӣ вобаста кардан, ба хулосаи нодуруст ва ғалат оварда мерасонад.Чунки вайронкунии қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ риоя ва иҷро нашудани тамоми меъёрҳои мурофиавии ҷиноятии амалкунандаро дар бар мегирад ва набояд мавзуи «вайронкунии қонунгузорӣ» бо номбар карда шудани вайронкунии меъёрҳои алоҳидаи қонун хотима ёбад (саҳ.322).

Зербоби сеюми боби панҷум ба «Аҳаммияти расмиёти натиҷаҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар низоми шартҳои умумии муҳокимаи судӣ» бахшида мешавад. Диссертант мафҳуми расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятиро пешбарӣ кардааст, ки он тартиби таҳия ва қабули маҷмуи ҳуҷҷатҳои мурофиавиро фарогир аст, дар ҷараёни оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақомоти ваколатдори давлатӣ дар шакли муқарраркардаи қонун амалӣ мешавад. Дар ин санадҳо хулосаи мақомоти ваколатдор, инчунин мазмун, ҷараён ва натиҷаи амалҳои мурофиавӣ инъикос мешаванд. Иҷрои санадҳои мурофиавӣ, аз ҷумла қарорҳои мақомоти ваколатдори пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ барои тамоми шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ аст.

Расмиёти санадҳои муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ яке аз шартҳои умумии муҳокимаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки ҷузъи таркибии шакли мурофиавии ҷиноятиро ташкил додааст (саҳ.326). Тибқи хулосаҳои муаллиф расмиёти санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ инъикосгари бо тартиби муайянкардаи қонун баргузор шудани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, ифодакунандаи ҳалли қонунӣ, асоснок ва одилонаи тамоми масъалаҳои мурофиавӣ аст. Иҷрои тамоми амалҳои мурофиаи ҷиноятӣ, ҳалли тамоми масъалаҳои мурофиаи ҷиноятӣ, таҳия ва қабули ҳамаи санадҳои мурофиавии ҷиноятӣ ҳадаф ва вазифаҳои умумӣ ва ягона доранд (саҳ.332). Муаллиф пешниҳод кардааст, ки тибқи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ, дар протоколи маҷлиси суд қайду мустаҳкам шудани ҷараён ва натиҷаи муҳокимаи судӣ, на танҳо ҳангоми баргузории муҳокимаи парвандаи ҷиноятӣ дар суди марҳилаи аввал, балки ҳангоми муҳокимаи судии тамоми масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ ва судӣ ҳатмӣ дониста шавад (саҳ.342,345).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Н.М. Қаҳорзода дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назариявӣ ва амалии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ, ба татбиқшавӣ, риоя ва иҷрои шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқии халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба фаъолияти мурофиавии ҷиноятии мақомоти ҳокимияти судӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида, инчунин аз андешаву назари олимони ватанию хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, татбиқи амалии шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода менамоянд.

**Асосноки ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бояд тазаккур дод, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба паҳлуҳои риоя ва иҷро шудани шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ , таҳлили натиҷаҳо ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, андешаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии миллӣ бо қонунгузории қишварҳои хориҷӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар самти фаъолияти судӣ, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар оид баислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ асос меёбад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Н.М. Қаҳорзода аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонанд барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти амалияи судии татбиқи ҳуқуқ истифода карда шуда, ҳамзамон барои ҳалли як қатор масъалаҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, ки ба асосҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ бахшида шудаанд, мусоидат намоянд. Маврид ба зикр аст, ки истифодаи маводи диссертатсия дар таҳлилу хулосабарории мавзуъҳои назариявӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва

соҳавӣ-ҳуқуқӣ маълумот ва маводҳои нави илмиро пешниҳод менамояд. Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада, мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илмҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ мавҷудбуда, истифода гарданд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти мурофиавии судии ҷиноятӣ, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ислоҳоти соҳа истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи судии ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати амалигардонии ислоҳоти судӣ аҳаммияти калон доранд. Ҳамзамон, муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин ҷараёни таълими фанҳои назарияи мурофиаи ҷиноятӣ, асосҳои адолати судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғ. истифода бурда шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷу 55 маводи илмӣ, аз ҷумла 3 монография, 18 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 34 мақола дар дигар маҷаллаҳо ба табъ расонидааст.

Диссертатсияи Н.М. Қаҳорзода дар баробари доштани ҷанбаҳои зиёди мусбӣ, инчунин аз камбудӣ ва масъалаҳои баҳсбарангез орӣ намебошад, аз ҷумла:

1. Дар доираи мавзуи тадқиқоти диссертатсионӣ ба таври мукаммал гузаронидани мониторинги амалигардии чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқоти иловагӣ ва хулосабарории муаллифи диссертатсияро тақозо менамояд. Гузашта аз ин, ба андешаи диссертант оё зарурияти қабули барномаи нави ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ҷой дорад ё не? Дар ин бобат мехостам андешаи диссертант ҳангоми ҳимояи ошкоро шунида шавад.

2. Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 зикр карда мешавад, ки ҷиҳати баланд бардоштани мақоми суд, кафолати ҳимояи судии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, самаранокӣ ва устувории фаъолияти ҳокимияти судӣ дар кишвар қабули «Стратегияи рушди низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» мувофиқи мақсад мебошад. Баррасии масъалаи мазкур як андоза аз мадди назари тадқиқот дур мондааст, аз ин рӯ, мехостам ҳангоми ҳимояи ошкоро мавқеи диссертант дар ин бобат шунида шавад.

3. Айни замон тарзу шаклҳои ҳимояи судии ҳуқуқҳои инсон дар ҷомеаи иттилоотӣ васеътар мешавад. Оё татбиқи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ ва рақамӣ дар дораи шартҳои умумии муҳокимаи судӣ имконпазир аст. Чунончи, технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ ба амалишавии хуқуқи шахс ба истифодаи дастовардҳои фарҳангӣ тавассути китобхонаҳои электронӣ, осорхонаҳои виртуалӣ ва ғ. мусоидат мекунад. Мавқеи диссертант дар ин бобат ошкоро шунида шавад.

Мулоҳизаҳое, ки қайд гардиданд, дар умум, ҳангоми баҳодиҳии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ накши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаи баррасишаванда муҳим буда, мураккаб ва баҳсбарангез мебошанд ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ ва сазовори баҳои баланд мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Н.М. Қаҳорзода ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Муҳтавои диссертатсия дар автореферат оварда шудааст ва мазмуну муҳтавои онро инъикос менамояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ: масоили мубрами назария, танзими меъёрию ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи онҳо» ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллифи он Насимҷон Мазбут Қаҳорзода сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
Шодиев Ғулом Махамматович
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,

прокурори калони Маркази ҳамоҳангсозии
таҳқиқоти илмӣ-инноватсионӣ ва омода намудани
кадрҳои илмии Академияи ҳифзи ҳуқуқи
Ҷумҳурии Ӯзбекистон

Имзои «________»- Шодиев Ғулом Махамматовичро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои
Академияи ҳифзи ҳуқуқи
Ҷумҳурии Ӯзбекистон Холматов М.М.

**Суроға:** 100190, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
шаҳри Тошкант, ноҳияи Юнусобод, кӯчаи Рихсили 9.
Телефон: +998 (71) 202-04-96
“08” __05__ **с. 2026**